«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________________
«_22_» ______02______2024с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич соли 2012 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, донишкадаи номбурдаро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси 1-25010401-«Молия» хатм намудааст.

Аз соли 2016 то 2018 таҳсилро дар зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1-25010401-«Молия» ба анҷом расонидааст.

Ҳамзамон бо мақсади оғоз намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ соли 2018 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳамчун докторант аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дохил шуда, онро соли 2021 хатм намудааст.

Аз соли 2016 то 2021 дар вазифаҳои гуногуни соҳаи маориф фаъолият намуда, аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 1-уми феврали соли 2019, суратҷаласаи №6/5.10 тасдиқ шуда ва мувофиқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019 суратҷаласаи №5/4.11 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ба ҳайси ректори Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият менамояд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**

**Баҳои кори иҷрошуда.** Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди минбаъда, пеш аз ҳама бо фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатӣ, ки дар истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. Ҳамчунин, марҳилаи нави таҷдиди низоми молиявиро бо механизми идоракунии ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, ҷиҳати ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои рушди устувори маҳал, алоқаманд намудани раванди буҷети маҳаллӣ бо банақшагирии стратегӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷудо намудани моликият ва таъмини худмухтории молиявии онҳоро муайян менамояд.

Буҷетҳои маҳаллӣ, ки асоси молиявии мақомоти маҳаллӣ мебошад, дар баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти маҳаллӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ташаккулёбии иқтисодии минтақавӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун зернизоми иқтисоди миллии кишвар, дар доираи дигаргуниҳои куллии иқтисоди кишвар ва махсусан бахшҳои истеҳсолӣ-хоҷагидории он бавуқӯъ омад. Бинобар ин, дар чунин шароит нақши буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ва фаъолиятнамоии он дучанд гардида, ваколатҳои мақомоти идоракунанда дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа муайян гардиданд.

Дар робита ба ин, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини рушди низоми иқтисодӣ, инкишофи соҳаи иҷтимоӣ ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди он, такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллиро талаб мекунад. Вобаста ба ин, таҷрибаи мавҷудаи идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт чунин мушкилотҳо ҷой доранд, ба монанди нокифоя будани пешравӣ дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории мақомоту идораҳои сатҳи маҳаллӣ ба маблағгузории барномаҳои мақсаднок аз рӯи натиҷа, нокифояи низоми дурнамои даромадҳои буҷети маҳаллӣ ва вазифагузорӣ дар мувофиқа бо дурнамои микроиқтисодӣ, бозмонии

раванди ғайримутамарказонии фискалӣ аз дигаргунсозиҳои низоми идоракунии давлатӣ, бахусус аз раванди ислоҳоти низоми идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ. Ҳамчунин, таъминоти ташкилию методӣ ва ҳуқуқии мавҷуда имкон намедиҳад, ки сифати идоракунии даромад ва хароҷоти буҷети мақомоти маҳаллии давлатӣ беҳтар карда шавад. Ин вазъ дар натиҷа самаранокии танзими давлатии молиявии таносуби ҳудудҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва устувории буҷетҳои маҳаллиро коҳиш медиҳад.

Дар ин маврид, дар Паёми навбатӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд, ки дар шароити муосир рақамикунонии идоракунии буҷети давлатӣ яке самтҳои таъмини иҷрои сифати буҷет ва шаффофият мебошад.

Аз ин лиҳоз, такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ дар фазои гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ масъалаи камтаҳқиқ гардида боқӣ монда, ба тавсияҳои илман асоснок ниёз доранд. Ин нуктаҳо мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро муайян намуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии онро инъикос мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** - аз асосноккунии назариявию амалии механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ, ки ба баланд бардоштани фаъолияти мақомоти маҳаллӣ дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон боис мегарданд, иборат мебошанд:

- равишҳои назариявӣ оид ба муайян намудани идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ низомбандӣ гардида, муқаррароти муаллифӣ оид ба идоракунии молияи давлатӣ, механизм ва принсипҳои он мушаххас баён карда шудааст;

- муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии самаранокии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ баён гардида, татбиқи равиши барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ асоснок шудаанд;

- дар асоси таҳлили вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ мавқеи он дар низоми молияи маҳаллӣ, механизми идоракунии ташаккулёбӣ ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ баҳодиҳӣ гардидаанд;

- алгоритми мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ таҳия гардида, такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар таъмини самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ асоснок шудааст;

- самтҳои асосии такмили механизмҳое, ки ба идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат мекунанд, коркард ва пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

* нуктаи назари муаллифӣ оид ба механизмҳо ва принсипҳои асосии идоракунии молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
* хусусиятҳои татбиқи равиши барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ ошкор гардид;
* таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ва амалии механизмҳои идоракунии даромаду хароҷоти буҷети маҳаллӣ;
* алгоритми мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ ва такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар таъмини самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ;
* таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва амалии дар диссертатсия таҳияшуда, аз ҷумла методологияи арзёбии самаранокии механизми идоракунии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолият, пешниҳодҳо оид ба такмили низоми арзёбии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ буда, метавонад аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми мушаххас кардани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методии идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои таҳқиқот, эътимоднокии маводи истифодашуда, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот ва коркарди омории маводи нашриётҳо.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба санадҳои зерини шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қоидаҳои рушд ва такмили идоракунӣ. 2.1 . Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ. 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ. 2.3. Назария, методология ва методикаи банақшагирии молиявӣ дар сатҳи давлат ва маҳаллӣ. 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти системаи буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии докторант:** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуи таҳқиқот, муайян кардани ҳадаф ва асоснокии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти мавод, муайян намудани равишҳои назариявӣ ва амалии таҳлили механизми идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, коркарди илмии маводи ҷамъовари оид ба такмили идоракунии буҷети маҳаллӣ дар шароити муосир мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ, симпозиумҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии олимони ҷавони Тоҷикистон баррасӣ ва шунида шудаанд (2018-2023).

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи илмии интихобшуда аз ҷониби муаллиф 20 мақоли илмӣ аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои то давраи соли 2030 (СИМД), Тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2024-2025 бахшида шуда ба онҳо марбут мебошад.

**Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ санаи 09.01.2024 таҳти №21 тасдиқ шуда, мавҷуд мебошад.

## ИНТИШОРОТИ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М].**Каримов Б.И., Самаранокии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идораи молия давлатӣ; Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иқтисодӣ) ISSN-2413-5151 №1-2023 саҳ; 99-106. Душанбе, 2023.

**[2-М].** Каримов Б.И., Идоракуни ва ташаккулиёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон. Паёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон ISSN; 2308-054X №1(45)-2023 саҳ; 281-290. Душанбе, 2023.

**[3-М].** Каримов Б.И., Арзёбии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти хатлон. Паёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон ISSN; 2308-054X №2(46)-2023 саҳ; 261-271. Душанбе, 2023.

**[4-М].** Каримов Б.И., Тамоюли идоракунии даромади буҷети мақомоти маҳаллӣ ҳокимияти давлати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми молия ва иқтисоди Тоҷикистон ISSN; 2663-0389 №1-(35)-2023 саҳ; 180-191. Душанбе, 2023.

**[5-М].** Каримов Б. И., Тамоюлҳои рушди барномаҳои электронӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ. Паёми молия ва иқтисод ISSN; 2663-0389 №2-(31)-2022 саҳ; 217-225. Душанбе, 2022.

**[6-М].** Каримов Б.И., Ҷанбаҳои назариявии татбиқи Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми молия ва иқтисод ISSN; 2663-0389 №1-(30)-2022 саҳ; 307-314. Душанбе, 2022.

**[7-М].** Каримов Б.И., Ташаккулёбии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идоракунии молияи давлатӣ. Паёми молия ва иқтисоди Тоҷикистон ISSN; 2663-0389 №3-(32)-2022 саҳ; 219-225. Душанбе, 2022.

**[8-М].** Хайрзода Ш.Қ., Каримов Б.И., Ҷабҳаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон ISSN; 2308-054X №4/2(44)-2022 саҳ; 350-357. Душанбе, 2022

**[9-М].** Каримов Б.И., Нақши низоми электронӣ дар рушди идоракунии молияи давлатӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ISSN; 2663-5534 №1-1(83)-2021 саҳ; 238-243. Бохтар-2021.

**[10-М].** Каримов Б.И., Нақши кодекси андози Ҷумҳури Таҷикистон дар рушди соҳибкори истеҳсоли. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ISSN; 2309-6764 №1/2-(45) саҳ; 101-105. Бохтар-2017.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[11-М].** Каримов Б.И., Инкишофи соҳибкории байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалии "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръти кишвар". Рашт-27.05.2023с

**[12-М].** Каримов Б.И., Самаранокии барномаҳои электронӣ дар низоми идораи молияи маҳалли. Маводи конференсияи байналмилалии

илмӣ-амалӣ ДЭТ дар мавзуи; "Энергетика соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ" Бохтар - 22. 12. 2023с.

**[13-М].** Каримов Б.И., Самаранокии барномаҳои электронӣ дар низоми идораи молияи маҳалли. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ ДЭТ дар мавзуи; "Тадқиқотҳои муҳандисӣ, инноватсия ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва саноат". Бохтар - 25. 04. 2023с.

**[14-М].** Каримов Б.И., Ҷанбаҳои назаряви рушди молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (24.28-юми апрели соли 2023).

**[15-М].** Каримов Б.И., Ташакулёбии Ҳукумати электронӣ ва тамоюлҳои рушди он. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи " Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеият ва дурнамо". Душанбе,- 28.03.2022с.

**[16-М].** Каримов Б.И., Ташаккули фарҳанги иттилоотӣ дар низоми молиявии **TFMis/SGB.net.** Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо". Душанбе,- 07.05.2022с.

**[17-М].** Каримов Б.И., Баҳодиҳӣ ба самараноки барномаҳои электронӣ дар низоми идоракуни молияи давлатӣ. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (18.23-юми апрели соли 2022).

**[18-М].** Каримов Б.И., Накши инноватсия дар рушди соҳибкори. Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20- солагии Ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2017-Соли ҷавонон дар мавзуи "Рушди илм, инноватсия ва технологияҳо-асоси таъмини гузариш аз минтақаҳои аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ " соли 2017.

**[19-М].** Каримов Б.И., Таҳлили вазъ макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ- назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба соли ҷавонон ва 20-умин солгарди Ваҳдати миллӣ (21-22 апрели соли 2017).

**[20-М].** Каримов Б.И., Қарзи беруна ва омилҳои руйпушкунии он. Маҷмӯаи осори илмии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон саҳ, 55-61. Душанбе, 2013.

Дар ҷаласаи кафедраи молия пас аз баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Каримов Б.И. дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)” чунин аст:

**қарор қабул карда шуд.**

1. Баромади Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), тақризҳои муқарризони расмӣ Кошонова М.Р - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷураев Х.Г. - н.и.и., директори Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), пешниҳод гардида, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267” тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14- нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратҷаласа таҳти №7/1 аз санаи «21» феврали соли 2024 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи молияи ДДМИТ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сулаймонзода Ш. Ф.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони
кафедраи молияи ДДМИТ Зубайдов Ҷ. И.

Имзоҳои **Ш.Ф. Сулаймонзода** ва **Ҷ.И. Зубайдовро** тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.,
Ҷ.М.

(сана)